МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМӢ “ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИИ ТИББИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ АБУАЛӢ ИБНИ СИНО

Бо ҳуқуқи дастнавис

ВБД: 616.834-002-07-08

РАҲИМЗОДА ОЛИМ ШАРИФ

ОПТИМИЗАТСИЯИ ТАШХИС ВА МУОЛИҶАИ НЕВРАЛГИЯИ БАЪДИГЕРПЕСӢ

Автореферати диссертатсия
барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои тиббӣ
аз руйи ихтисоси 3.1.11. Неврология

Душанбе – 2026

Диссертатсия дар кафедраи асабшиносии МДТ “Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино” иҷро шудааст.

Роҳбари илмӣ:	**Исоева Манижа Башировна,** номзади илмҳои тиббӣ, дотсенти кафедраи асабшиносии МДТ “Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино”
Муқарризони расмӣ:	**Нургужаев Еркин Смагулович**, доктори илмҳои тиббӣ, профессори кафедраи бемориҳои асаби “Донишгоҳи миллии тиббии Қазоқистон ба номи С.Д. Асфендияров”
	Фирузаи Искандарӣ – доктори фалсафа (PhD), духтур-асабшиноси Маркази тиббии Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
Муассисаи пешбар:	Донишгоҳи давлатии тиббии Самарқанд, Ҷумҳурии Узбекистон

Ҳимояи рисолаи илмӣ "30" сентябри соли 2026, соати 14^{00} дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.KOA-131 назди Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино баргузор мегардад. Суроға: 734026, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Сино 29-31, info@tajmedun.tj. +992918724088.

Бо диссертатсия дар китобхонаи Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино шинос шудан мумкин аст.

Автореферат «___» _____ ирсол гардид.

Котиби илмии
шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои тиббӣ, дотсент **Пирматова М.А.**

МУҚАДДИМА

Мубрамии мавзуи таҳқиқот. Невралгияи баъдигерпесӣ (НБГ) яке аз оризаҳои нисбатан бештар рухдиҳанда ва вазнини шукуфаи фарогир буда, бо сабаби вируси шукуфаи одами навъи 3 (Herpes zoster) ба амал меояд. Вируси мазкур дар ганглияҳои сенсорӣ дар шакли ниҳонӣ ҳифз шуда, дар ҳолати коҳиш ёфтани ҳифзи масунии организм қобилияти реактиватсия шуданро дорад [1, с. 42; 2, с. 17]. Шукуфаи фарогир ҳамасола зимни 600 000 – 1 000 000 ҳодисаҳо дар ИМА [27, с. 251; 34, с. 399] ошкор мегардад. Гирифторшавӣ ба ТФ дар манотиқи уқёнуси Ором соле 3–5 нафар ба 1000 аҳолиро ташкил медиҳад [4, с. 22; 31, с. 110; 35, с. 589]. Нишондиҳандаи мазкур дар Россия ба 13,09 нафар дар 100 ҳаз. аҳолӣ рост омада, ТФ дар 74 минтақа аз 85-тои он ба қайд гирифта шудааст [3, с. 21; 5, с. 94; 6, с. 48; 17, с. 14].

“Соли 2019, мувофиқи маълумоти ҳисоботи расмии оморӣ, дар Федератсияи Россия 19 223 ҳодисаи беморшавӣ ба шукуфаи фарогир ба қайд гирифта шуд. Нишондиҳандаҳои гирифторшавӣ 13,09 нафар ба 100 ҳаз. аҳолӣ дар кишвар рост меояд. Вазни қиёсии шукуфаи фарогир, дар сохтори тамоми бемориҳои сироятӣ, 0,05 %-ро ташкил медиҳад. Эҳтимол меравад, ки чунин рақамҳои паст миқёси воқеии беморшавиро инъикос намекунанд ва пеш аз ҳама бо он бастагӣ дорад, ки бақайдгирии расмии сирояти дуюминдараҷаи VZV, ҳамагӣ чанде пеш - аз соли 2019 сар карда ба амал оварда мешавад” [5, с. 94].

Дар давраи як даҳсола (2000-2010) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 1,3 маротиба зиёд шудани гирифторшавӣ ба шукуфаи фарогир ва дар шаҳри Душанбе бошад, ба 1,6 маротиба афзудани он мушоҳида гардидааст [7, с. 25; 13, с. 44].

Дар рафти таҳқиқот аз ҷониби М.Т. Мирзоева ва М.С. Исоева муайян карда шуд, ки “рӯ ба афзоиш овардани беморӣ дар Тоҷикистон аз соли 2002 оғоз ёфтааст, замоне ки шиддатнокии нишондиҳандаи беморшавӣ ба ТФ 8 нафар ба 100 000 аҳолӣ (соли 2000-ум 7 нафар ба 100 000 аҳолӣ)-ро ташкил медод. Беморшавӣ ба ТФ соли 2011, қиёсан ба соли 2000-ум, 1,3 маротиба (9

нафар муқобили 7 ба 100 000 аҳолӣ) афзуд. Дар давраи таҳлилӣ беморшавӣ дар шаҳри Душанбе – пойтахти Ҷумҳурии Тоҷикистон хеле зиёд гардид. Аз соли 2001, ки рӯ ба афзоиш овардани беморӣ оғоз ёфт (нишондиҳандаи баланди гирифторшавӣ 22,9 нафар ба 100 000 аҳолӣ), соли 2008 ба нуқтаи ниҳоии худ расид ва мубталошавӣ ба ТФ дар муқоиса ба соли 2000 1,6 маротиба зиёд шуд (28,5 нафар муқобили 17,2 ба 100 000 аҳолӣ)" [12, с. 128].

НБГ оризаи нисбатан бештар мушоҳидашавандаи ТФ ба ҳисоб меравад. Дарди баъдигерпесӣ метавонад даврӣ ё доимӣ бошад ва аксаран ҳамчун дарди сӯзонанда, шадид ё сихзананда ифода меёбад. Шиддатнокии дард ниҳоят зуҳурёфта ва тоқатфарсост, ки дар иртибот бо нуктаи мазкур herpes zoster-ро дар адабиёти бо забони англисӣ бо фасоҳат ба «belt of roses from Hell» - "камарбанд аз нори ҷаҳаннам" ташбеҳ медиҳанд [5, с. 47; 7, с. 22]. Зуҳурёбии дард, ҳангоми НБГ, ба сифати умр ва ба ҳолати психоэмотсионалӣ таъсири манфӣ мерасонад, зеро дар бемор лоғаршавӣ, беиштиҳоӣ ба қайд гирифта мешавад [11, с. 58; 26, с. 3326]. Дар аксари ҳолат зимни чунин беморон дараҷаи гуногуни зуҳурёбии ихтилолоти депрессивӣ мушоҳида мегардад [33, с. 496; 40, с. 16; 43, с. 107; 45, с. 152].

НБГ навъи ба душворӣ муолиҷашавандаи дардҳои нейропатӣ ба ҳисоб меравад [10, с. 495; 23, с. 189]. Ҳолати мазкур аз синдроми дарди музмини нейропатие иборат мебошад, ки дар натиҷаи такроран фаъол шудани вируси шукуфаи фарогир (ВШФ) дар ганглияҳои асабҳои косахонаи сар ё ганглияҳои решачаҳои дорсалии ҳароммағз бо дарди доимӣ, дар аксари ҳолатҳо сахт тавсиф меёбад [14, с. 33; 15, с. 6].

Муайян шудааст, ки ҳангоми НБГ на танҳо асабноккунии дард, балки асабноккунии симпатикӣ низ зарар мебинад ва боиси ихтилолоти микрогардишу танзими ҳарорат дар дерматомаи иллатнокшуда мегардад [25, с. 145]. Халалёбии танзими симпатикӣ аз ҳисоби вазоспазм, ишемия ва ташаккул ёфтани доираи нуқсон байни дард ва халалёбии функсияи нашвӣ синдроми дардро тақвият медиҳад [29, с. 68]. Дар натиҷа, гипотермия ва гипертермияи мавзеӣ ҳангоми бемороне ошкор мегардад, ки ба дараҷаи

денерватсия ва зуҳурёбии халалёбии функсияи нашвӣ вобастагӣ дорад. Таҳлили якҷояи тағйирёбиҳои ҳарорат ва симптомҳои субъективӣ (дард, парестезия, аллодиния) нисбатан пурратар арзёбӣ намудани зуҳурёбии синдроми нейропатӣ ва самаранокии муолиҷаи татбиқшударо имконпазир мегардонанд.

Синдроми дарди маҷмуии канорӣ намунаи классикии якҷояшавии дард ва ихтилолоти мавзеии нашвӣ ба шумор меравад. Он бо дарди музмини сӯзонандае, ки бо варамӣ, тағйирёбии ҳарорати пӯст, халалёбии афзоиши мӯй ҳамроҳ мегардад, зоҳир мешавад. Дар патогенези он доираи нуқсон ташаккул меёбад: дард сабаби пайдоиши фаъолшавии системаи асаби симпатикӣ мегардад, ки дар натиҷа боиси вазоспазм ва бадшавии микрогардиш мешавад. Дар натиҷа ихтилолоти тағзиявие инкишоф меёбанд, ки синдроми дардро тақвият медиҳанд. Ҳамин тавр, дард ва ихтилолоти нашвӣ ба таври мутақобила ҳамдигарро ёрӣ мерасонанд ва ба музминшавии раванд мусоидат менамоянд [28, с. 53; 42, с. 1320].

Тавре О.С. Давидов зимни таҳқиқоти худ ишора менамояд: “барои он ки дар амалияи тибби умумӣ муолиҷаи натиҷабахши дарди нейропатӣ таъмин карда шавад, ба бемор равиши инфиродикунонидашуда ва маҷмуие, ки эҳтимоли ошкор ва арзёбӣ намудани синдроми дардҳоии гуногуни музмини аҳаммияти клиникидошта, ихтилолоти соматикӣ, дардҳои коморбидии депрессия, изтироб ва халалёбии хоб дорад, зарур аст. Муолиҷаи дарди нейропатӣ раванди дуру дароз ва бисёркомпонента буда, назорати мунтазами табиб ва аз ҷониби бемор бошад, иҷрои таъйиноти ҳам дорӯӣ ва ҳам ғайридоруиро талаб мекунад” [3, с. 48].

Равишҳо ба муроқабати НБГ аз пешгирӣ ва муолиҷае иборат мебошанд, ки на танҳо ба назорати дард, балки ба пешгирии инкишоф ёфтани ихтилолоти устувори нашвӣ равона шудааст. Ваксинатсия ва ё муолиҷаи зиддивирусӣ, инчунин таъйини дорувориҳо барои бартараф кардани дард воситаҳои пешгирии НБГ ба ҳисоб мераванд [3, с. 49; 8, с.

402]. Дорудармонӣ маводҳои этиотропӣ ва патогенетикӣ, препаратҳои иммунотропӣ ва ислоҳкунандаи масуният, витаминдармониро дар бар мегирад [9, с. 35; 18, с. 85; 22, с. 167; 24, с. 34; 32, с. 430; 38, с. 20]. Чунин меҳисобанд, ки ҳангоми зуҳуроти ибтидоии шукуфаи фарогир назорати комилан мувофиқи дард хатари ташаккул ёфтани НБГ-ро кам мекунад, зеро дарди шадиди ошкоро омили хатари музминшавӣ ва алоими устувори халалёбии функсияҳо ба шумор меравад [16, с. 106; 19, с. 76; 20, с. 414; 21, с. 106; 30, с. 596].

Барои назорат кардани нишонаҳо дар мавриди бемороне, ки аз НБГ ранҷ мекашанд, амалиёти гуногун ба кор бурда мешавад, вале дар айни ҳол муолиҷаи модификатсияшудаи беморӣ вуҷуд надорад [10, с. 495; 39, с. 2]. Интихоби доруворихо ба зуҳурёбии дард вобастагӣ дорад [30, с. 596]. Ҳангоми дарди сабук ва муътадил ба кор бурдани паратсетамол, доруҳои зиддиилтиҳобии ғайристероидӣ (ДЗҒ) ё опиоидҳои таъсирашон суст (трамадол) тавсия мешаванд. Опиоидҳои таъсирашон зӯртар (оксикодон, морфин)-ро ҳангоми дардҳои муътадил ва сахт таъйин мекунанд [30, с. 596; 31, с. 110]. Нақшаи стандартии муолиҷа аз трамадол, антидепрессантҳои тритсиклӣ (амитриптилин, нортриптилин) ва воситаҳои зиддиихтилоҷӣ (габапентин, прегабалин) иборат мебошанд [36, с. 24; 37, с. 6; 44, с. 122]. Антидепрессант ва препаратҳои зиддиташаннуҷӣ фақат ба ҳисси дард не, балки ба мувозинати нашвӣ таъсир расонида, фаъолшавии патологии системаи асаби симпатикиро коҳиш медиҳанд. Опиоидҳоро афзалан дар мавриди бемороне ба кор мебаранд, ки ба антидепрессантҳои тритсиклӣ ва препаратҳои зиддиташаннуҷӣ зиддинишондод доранд [30, с. 596; 41, с. 236].

Препаратҳои рагие, ки ба беҳбудии микрогардиш ва бартараф кардани вазоспазм равона шудаанд, аҳаммияти махсус доранд. Пентоксифиллин, зимни пажуҳиши мазкур, бори аввал ҳамчун воситае пешниҳод мешавад, ки қобилияти муътадил гардонидани гардиши хун ва коҳиш додани ишемияи бофтаҳо ва ислоҳ кардани ихтилолоти тағзиявиро дорад. Истифодаи он рахна кардани доираи нохуши “дард – фаъолшавии симпатикӣ – вазоспазм –

ихтилолоти тағзиявӣ”-ро имконпазир гардонида, самаранокии муолиҷаи маҷмуии НБГ-ро меафзояд. Воситаҳои дигари вазоактивӣ (кислотаи никотинат, винпотсетин)-ро ба таври иловагӣ ба кор бурдан мумкин аст, аммо махсусан пентоксифиллин барои ислоҳи ихтилоли рагии патогенези НБГ ҳамчун препарати перспективӣ баррасӣ мешавад.

Ҳамин тавр, муолиҷаи НБГ бояд ҳамчун амалиёти бисёрсатҳие таҳқиқ шавад, ки ба рахна кардани доираи патогенезӣ равона шудааст. Муолиҷаи саривақтии вирусӣ, бедардкунии комилан мувофиқ, ба кор бурдани препаратҳои рагӣ ва воситаҳои патогенетикӣ, кам кардани зуҳурёбии ихтилолоти нашвӣ, устувор гардонидани микрогардиш ва пешгирии музминшавии равандро имконпазир мегардонад.

Мушкилоти НБГ, бо вуҷуди таҷрибаҳои гирдомадаи ҷаҳонӣ, мубрам боқӣ мемонад ва усулҳои муосири муолиҷа бошанд, ҳамеша натиҷаи устувори клиникиро таъмин карда наметавонанд. Нуктаи мазкур зарурати таҳқиқоти минбаъдаи патогенез ва зуҳуроти клиникии бемориро асоснок менамояд. Қайд кардан зарур аст, ки то имрӯз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқоте чун таъсири вируси шукуфаи Zoster ба ҷараён ва хусусиятҳои невралгияи баъдигерпесӣ ичро нашудааст, то аҳамияти илмӣ ва амалии таҳқиқоти мазкурро муайян намояд.

Дараҷаи коркарди илмии проблемаи мавриди омузиш

Арзиши ташхисии ошкоркунии консентратсияи пасти серотонин, дар мавриди беморони мубтало ба невралгияи баъдигерпесие, ки аз ҳадди пасти дард ранҷ мекашанд, мавриди омузиш қарор дода шуд [Каракулова Ю.В., 2016]. Усули мониторинги нейрофизиологии беморони мубтало ба синдроми дарди нейрогенӣ таҳия карда шудааст [Любимова Ю.В., 2020]. Хатари инкишофи НБГ аз вируси Зостер ошкор ва таъсири пешгирикунандаи глюкокортикоидҳо исбот шуда, тасдиққунии минбаъдаро тақозо мекунад [Ding S., 2024]. Робитаи дуҷонибаи мавзеъгирии офтолмологии невралгияи баъдигерпесӣ бо бемориҳои ҳамроҳ (диабети қанд ва артрити ревматоидӣ) зоҳир карда шуд [Malik A., 2021].

Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо), мавзуъҳои илмӣ. Кори диссертатсионӣ дар доираи татбиқи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 сентябри соли 2021, №414 “Стратегияи ҳифзи солимии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030” анҷом дода шудааст.

ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

Мақсади таҳқиқот. Дар асоси арзёбии маҷмуии зуҳуроти клиникӣ, маълумоти термометрия ва микрогардиш оптимизатсияи ташхис ва муолиҷаи невралгияи баъдигерпесӣ, инчунин асоснок кардани самаранокии истифодаи пентоксифиллин.

Вазифаҳои таҳқиқот:

1. Омузиши басомад ва хусусиятҳои клиникии зуҳуроти невралгияи баъдигерпесӣ вобаста ба категорияҳои синнусолии беморон.
2. Ошкор кардани хусусиятҳои ҳарорати мавзеӣ ва микрогардиш вобаста ба шаклҳои клиникии невралгияи баъдигерпесӣ.
3. Омузиши таъсири препарати пентоксифиллин ба нишондиҳандаҳои термометрия ва микрогардиш, инчунин арзёбӣ намудани натиҷабахшии клиникии он дар маҷмуи муолиҷаи невралгияи баъдигерпесӣ.
4. Ҳангоми муолиҷаи невралгияи баъдигерпесӣ аз ҷиҳати илмӣ асоснок кардани мақсаднокии истифодаи ҳарорати мавзеии пӯст ва нишондиҳандаҳои микрогардиш ҳамчун биомаркерҳои объективии баркароршавӣ.

Объекти таҳқиқот

Дар шароити статсионарӣ ва амбулатории шуъбаи асаби Маркази миллии тиббии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Шифобахш» тайи солҳои 2022-2024 168 бемори гирифтор ба невралгияи баъдигерпесӣ муоина карда шуданд, ки объекти таҳқиқоти мазкур ба ҳисоб мераванд.

Мавзуи (предмет) таҳқиқот

Хусусиятҳои синдроми дард, инчунин нишондиҳандаҳои термометрия ва микрогардиш (мувофиқи маълумотҳои электротермометрия ва флоуметрияи лазерӣ-допплерӣ) дар дерматомаҳои иллатнокшуда, ҳангоми беморони мубтало ба невралгияи баъдигерпесӣ, ҳамзамон, таъсири маводи

пентоксифиллин ба тағйироти электротермометрия, микрогардиш ва алоими дард мавзуи таҳқиқотро ташкил намуданд.

Навгонии илмии таҳқиқот. Бори аввал дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон арзёбии комплексии зуҳуроти клиникии невралгияи баъдигерпесӣ дар якҷоягӣ бо маълумотҳои термометрия ва микрогардиш ба амал оварда шуд, ки ошкор кардани маркерҳои объективии вазнинии бемориро имконпазир гардонид. Робитаи дуҷонибаи нишондиҳандаҳои термометрия ва микрогардиш бо боқӣ мондани синдроми дард муайян карда шуд, ки нуктаи мазкур тасаввуротро дар бораи патогенези НБГ васеъ намуда, дари имконоти нави ташхисиро боз мекунад. Дар маҷмуи муолиҷаи НБГ ҳам бо усули системавӣ ва ҳам тавассути электрофорези доруӣ ба кор бурдани пентоксифиллин аз ҷиҳати илмӣ асоснок шудааст. Барои ислоҳи ихтилолоти микрогардиш ва коҳиш ёфтани зуҳурёбии синдроми дард самаранокии шомил кардани пентоксифиллин исбот шудааст, ки он афзудани натиҷабахшии муолиҷа ва беҳ сохтани сифати умри беморро имконпазир мегардонад. Барои мониторинги ҳолати бемор ва санҷиши самаранокии муолиҷа тавсияҳои амалӣ оид ба истифода шудани маълумотҳои термометрия ва микрогардиш таҳия шудаанд.

Аҳаммияти назариявӣ ва илмию амалии таҳқиқот

Аҳаммияти назариявии пажуҳиш аз васеъ намудани тасаввуроти илмӣ дар бораи невралгияи баъдигерпесӣ ҳамчун синдроми дарди музмини нейропатие иборат мебошад, ки халалёбии танзими симпатикӣ, микрогардиш ва танзими ҳароратро дар дерматомаҳои иллатнокшуда ҳамроҳӣ менамояд. Муқаррарот, хулоса ва тавсияҳои ҳосилшударо дар раванди тадриси макотиби олии тиббӣ, инчунин рушди минбаъдаи пажуҳишҳои илмӣ дар соҳаи дардҳои нейропатӣ ва ихтилолоти нашвӣ ба кор бурдан мумкин аст.

Барои арзёбии объективии ҳолати асабҳои канорӣ ва танзими нашвӣ, дар мавриди бемороне, ки аз невралгияи баъдигерпесӣ ранҷ мекашанд, инчунин барои назорати самаранокии муолиҷаи татбиқшаванда имконияти ба кор бурдани маркерҳои ҳарорат ва микрогардиш аҳаммияти амалии таҳқиқотро

ташкил менамоянд. Ба маҷмуи муолиҷаи НБГ илова намудани пентоксифиллин самаранокии худро исбот намуд, зеро он барқарор намудани ҳарорати пӯстро таъмин, микрогардишро муътадил ва басомади синдроми дардро коҳиш дод. Ҳолати мазкур барои оптимизатсияи ташхис ва муолиҷаи невралгияи баъдигерпесӣ, хусусан дар мавриди гурӯҳи беморони калонсоле, ки беморӣ ҳангоми онҳо бештар ба қайд гирифта мешаваду вазнинтар ҷараён мегирад, дари имконоти навро боз менамояд.

Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:

1. Муайян карда шуд, ки синни бемор яке аз омилҳои асосии хатари инкишофи НБГ мебошад: беморӣ дар солхӯрдаҳо, қиёсан ба миёнсолон, 1,7 маротиба бештар мушоҳида мешавад. Зимнан, дар солхӯрдаҳо бештар ҷараёни музмин ташаккул меёбад, инчунин тамоюли басомади ҷалбшавии дерматомаҳои гардан ва шохаҳои асаби сегона меафзояд;
2. Муқаррар карда шуд, ки невралгияи баъдигерпесӣ бо дигаргуниҳои марҳалавӣ-вобастагии ҳарорати мавзеии пӯст тавсиф меёбад: дар марҳалаи шадид қитъаҳои гипертермия («қитъаҳои гарм») ҳамчун инъикоси вазодилататсияи нейрогенӣ-илтиҳобӣ бартарият доранд; дар даврaҳои зершадид ва музмин қитъаҳои гипотермия («қитъаҳои хунук»)-е афзалият доранд, ки бо вазоконстриксия ва гипоперфузияи симпатикӣ ифодаёфта асоснок шудааст. Ҳангоми 84,5%-и беморони гирифтор ба НБГ навъҳои патологии микрогардиш ошкор мегардад, дар ин маврид зимни 58,9 %-и ҳодисаҳо бештар ҳангоми ҷойгиршавиҳои камарӣ-чорбандӣ ва торакалӣ ихтилолоти вазнини гемодинамикӣ (ташаннуҷӣ ва рукудӣ-ихтилоҷӣ) мушоҳида мегардад. Муайян кардани ҳарорати мавзеии пӯст, ҳангоми НБГ, меъёри объективии арзёбии ҳолати асабҳои канорӣ ва танзими нашвӣ ба ҳисоб рафта, онро барои санҷиши самаранокии муолиҷаи татбиқшуда ба кор бурдан мумкин аст.
3. Тасдиқ карда шуд, ки ба муолиҷаи маҷмуии НБГ ҳамроҳ намудани пентоксифиллин (системавӣ ва усули электрофорези доруӣ) ба таъсири нисбатан саҳеҳи клиникӣ мусоидат менамояд, ки бо барқароршавии ҳарорати

пӯст (74,4 % муқобили 55,1 % ҳангоми муолиҷаи стандартӣ), муътадилшавии микрогардиш (41,1 % муқобили 33,3 %), ба 2,3 маротиба коҳиш ёфтани синдроми дард (27,8 % муқобили 64,1 %) зоҳир мегардад.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳоро саҳеҳияти маълумотҳо, ҳаҷми кофии маводҳои таҳқиқ, коркарди омории натиҷаҳои таҳқиқот ва интишорот тасдиқ менамоянд. Хулоса ва тавсияҳо дар заминаи таҳлили илмии натиҷаҳои усулҳои ташхис ва муолиҷаи невралгияи баъдигерпесӣ асоснок шудааст.

Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ

Мақсад, вазифаҳо ва мавзуи таҳқиқот, инчунин усулҳои клиникӣ-инструменталии ташхис ва муолиҷа, ки зимни ҷараёни пажуҳиш истифода шудаанд, ба шиносномаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 3.1.11. Неврология, аз ҷумла банди 3 - меъёрҳои клиникӣ-ташхисӣ ва меъёрҳои дигари беморӣ ва иллатҳои системаи асаби марказӣ ва канорӣ; банди 4 - коркарди усул ва меъёрҳои ошкор кардани беморӣ ва иллатҳои системаи асаби марказӣ ва канорӣ; банди 5 - муолиҷаи беморӣ ва иллатҳои системаи асаби марказӣ ва канорӣ, омузиши самарабахшии истифодаи усул ва технологияҳои нав (фармакологӣ, физикӣ ва ғайра) мувофиқат мекунад.

Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот

Тамоми ҳаҷми таҳқиқоти клиникӣ шахсан аз ҷониби муҳаққиқ анҷом дода шуда, шарҳи сарчашмаҳои адабиёти хориҷӣ ва ватанӣ омода, нақшаи таҳқиқот таҳия ва баҳодиҳии дараҷаи вазнинии беморӣ ба таври мустақилона арзёбӣ гардидааст. Аз ҷониби муаллиф таҳлили омории маълумотҳои ҳосилшуда амалӣ гардида, хулосаву тавсияҳои амалӣ таҳия карда шудаанд.

Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия

Муқаррароти асосии кори диссертатсионӣ дар конференсияҳои илмию амалии олимони ҷавон ва донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино (Душанбе, 2024, 2025); конференсияи илмию амалии ДДТТ ба номи Абуалӣ ибни Сино (Душанбе, 2025); инчунин дар симпозиуми асабшиносони Тоҷикистон (Душанбе, 2024, 2025) пешниҳод

ва муҳокима гардиданд. Натиҷаҳо дар ҷаласаҳои Ҷамъияти асабшиносони Тоҷикистон «Нейрон» низ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Натиҷаҳои пажуҳиш дар амалияи табобатии шуъбаи асаби Маркази миллии тиббии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Шифобахш”, инчунин дар раванди тадриси кафедраи асабшиносӣ татбиқ шудаанд.

Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия. Аз рӯи натиҷаҳои рисола 11 корҳои илмӣ, аз ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 1 патент (рақами бақайдгирӣ 1717 аз 5.05 соли 2026) ва 1 пешниҳоди ратсионализаторӣ (рақами бақайдгирии 3653/R1141 аз 20.09 соли 2025) ба қайд гирифта шуда, инчунин натиҷаи 7 пажуҳиш дар маводҳои конференсияҳои илмӣ-амалӣ ба чоп расонида шуданд.

Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия. Диссертатсия дар ҳаҷми 146 саҳифаи матни компютерӣ навишта шуда, аз муқаддима, фасли шарҳи адабиёт, фаслҳои шарҳи маводу усулҳои таҳқиқ, ду боби натиҷаҳои пажуҳишҳои шахсӣ, боби муҳокимаи натиҷаҳо, хулосаҳо, тавсияҳои амалӣ ва рӯйхати адабиёт иборат мебошад. Адабиёт 169 манбаъ (61 адабиёт ба забони русӣ ва 108-тои он ба забонҳои хориҷӣ)-ро дар бар мегирад. Диссертатсия бо 20 ҷадвал ва 16 расм ороиш дода шудааст.

МУҲТАВОИ ТАҲҚИҚОТ

Дар шароити статсионарӣ ва амбулатории шуъбаи асаби Маркази миллии тиббии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Шифобахш» дар доираи солҳои 2022-2024 168 бемори гирифтор ба ташхиси “Невралгияи баъдигерпесӣ” (НБГ) муоина карда шуд.

НБГ ҳангоми бемороне, ки аз ҷониби мо муоина шуданд, бештар дар мавриди солхӯрда (62,5 %) ба қайд гирифта шуд, ки нуктаи мазкур аз муҳиммияти тағйирёбиҳои синнусолӣ ба патогенези беморӣ далолат менамояд. Ҷойгиршавии НБГ вобаста ба син тағйир меёфт: шаклҳои торакалӣ ва камарӣ-чорбандӣ бештар ҳангоми миёнсолон ва дар солхӯрдаҳо бошад, варианти гарданӣ ва офталмӣ бартарият доштанд. Шаклҳои торакалӣ ва

камарӣ-чорбандӣ майл ба музминшавиро доранд, дар ҳоле ки варианти гардaниву офталмӣ дар шакли шадид ҷараён мегиранд. Ошкор карда шуд, ки сари вақт сар кардани муолиҷаи зиддивирусӣ (дар рӯзҳои аввал) омили муҳими коҳишдиҳандаи хатари музминшавии НБГ ба шумор меравад; ба як ҳафта зиёдтар таъхир кардан дар муолиҷа басомади шаклҳои зершадид ва музминро меафзояд.

Зимни пажуҳиши мазкур муоинаи объективии неврологии беморони мубтало ба НБГ муоинаи визуалии пӯст дар дерматомаи иллатнокшуда ва тестикунонии муфассали ҳассосият манбаи иллатро дар бар мегирифт**.** Барои арзёбии хусусиятҳои синдроми дард шкалаи визуалии ҳамсон (VAS -Visual Analogue Scale) ва пурсишномаи McGill (McGill Pain Questionnaire) ба кор бурда шуданд. Зоҳир кардани ҷузъи нейропатии дард бо истифода аз пурсишномаи DN4 ба амал оварда шуд

Ба мақсади арзёбии ғайримустақими сатҳи раванди мубодилаҳо, васкуляризатсияи пӯст дар қитъаи дерматомаи иллатнокшуда усули электротермометрияи пӯст бо истифода аз сенсори ихчамсохти ҳарорат ба кор бурда шуд, ки он барои ченкунии претсизионӣ аз ширкати «Philips», бо доираи ченкунӣ аз 0°C то 80°C бо дақиқияти 0,01°C таъйин шудааст.

Арзёбии ҳолати микрогардиш дар қитъаи дерматомаи иллатнокшуда бо усули флоуметрияи лазерии допплеровӣ (ФЛД) ба амал оварда шуд. Зимни пажуҳиш таҳлилкунандаи сертификаткунонидашудаи ихчамсохт «ЛАЗМА ПФ» (НПП «ЛАЗМА», Россия) барои микрогардиши хун ба кор бурда шуд. Нишондиҳандаҳои зерин баҳогузорӣ шуданд: Нишондиҳандаи микрогардиш (НМ) - сатҳи миёнаи перфузия; ALF - амплитудаи ноустуворӣ, ки бо фаъолнокии ҳуҷайраҳои мушакҳои суфтаи бофтаи рагӣ ва градиенти фишор байни шарёнча ва варидчаҳо асоснок шудааст; AHF - амплитудаи ноустуворӣ, ки бо экскурсияҳои нафас ва тағйирёбии фишор дар қисми варидӣ иртибот дорад; ACF - амплитудаи ноустувории маҷрои бунёдии хун, ки муқовимати дохилирагиро дар сатҳи капиллярҳо инъикос мекунад. Шохиси натиҷабахшии микрогардиш (ШНМ), ки бо воҳиди перфузионӣ ифода ёфтааст, аз рӯйи

формулаи зерин ҳисоб карда шуд: ШНМ = Amax LF / (Amax HF + Amax CF). Арзёбии захираи ҷараёни хуни капиллярӣ (ЗҶХК) ба воситаи намунаи вазоконстрикторӣ нафас ба амал оварда шуд: флоуметрияи лазерии допплеровӣ (ФЛД) баъди бандкунии 30-сониягии нафас дар даври нафаскашии чуқур иҷро карда шуд. Ба асоси маълумотҳои ФЛД навъҳои зерини гемодинамикии микрогардиш ҷудо карда шуд:

1. Ба таври муътадил даврзананда (НМД) - МП = 4,5–6,0 воҳ. перф., ЗҶХК = 200–300%;
2. Гиперемӣ (НГМ) - МП > 6,0 воҳ. перф., ЗҶХК < 200%;
3. Ташаннуҷӣ (НТМ) - МП < 4,5 воҳ. перф., ЗҶХК > 300%;
4. Рукудӣ-ихтилоҷӣ (НРИМ) - МП < 4,5 воҳ. перф., ЗҶХК < 200%.

Ҳамаи беморон мувофиқи протоколи тасдиқшудаи клиникӣ муолиҷаи маҷмуии НБГ қабул карданд. Дар мавриди 90 бемори гурӯҳи асосӣ, ба мақсади оптимизатсияи муолиҷаи НБГ, бо дарназардошти ихтилолоти ошкоргардидаи рагӣ-тағзиявӣ дар қитъаи дерматомаҳои иллатнокшуда, ба маҷмуи муолиҷа препарати пентоксифиллин (200 мг дохилимушакӣ; 1 ампула = 100 мг / 5 мл; 1 маротиба дар як шабонарӯз ба муддати 10 рӯз, баъдан гузариш ба шакли ҳаб 100 мг 3 маротиба дар як рӯз) ворид карда шуд. Муолиҷаи мавзеии НБГ дар гурӯҳи асосӣ бо ворид кардани маҳлули пентоксифиллин дар қитъаи дерматомаи иллатнокшуда бо усули электрофорези доруӣ ба амал оварда шуд.

Беморони гурӯҳи муқоисавӣ – 78 бемор муолиҷаи стандартии маҷмуиро бе илова кардани препарати пентоксифиллин қабул карданд.

Дар динамикаи татбиқи муолиҷаи зикргардида, ҳангоми беморони ҳар ду гурӯҳ, мониторинги шиддатнокии синдроми дард, инчунин нишондиҳандаҳои электротермометрия ва микрогардиш ба амал оварда шуд. Самаранокии клиникӣ пас аз 3 ва 6 моҳ арзёбӣ карда шуд.

Коркарди омории натиҷаҳои таҳқиқот бо истифода аз барномаи Statistica 10.0 (StatSoft Inc., ИМА) ва бастаи SPSS 25.0 (IBM Corp., ИМА) ба амал оварда шуд. Барои ҳамаи аломатҳои миқдорӣ тақсимоти намунаҳо бо ёрии меъёрҳои Шапиро–Уилк ва Колмогоров–Смирнов пешакӣ арзёбӣ карда шуд.

Маълумотҳо, дар ҳолати набудани тақсимоти муътадил, дар шакли медиана ва фосилаи интерквартилӣ (Me [Q1–Q3]) пешниҳод мешуданд. Рафту маълумотҳо нишони тақсимоти муқаррарӣ дошта бошанд, формати M±SD ба кор бурда мешуд.

Сатҳи аҳамияти оморӣ p<0,05 барои тамоми меъёрҳои оморӣ қабул карда шуд. Дар ҳолати зарурат қимати дақиқи сатҳи p нишон дода мешуд.

НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ

Ҳангоми муоинаи беморон аввалан нишонаҳои ғайримустақими беморӣ пайдо шуданд, зеро ҳолати эҳтиётткоронаи беморон, парҳез аз расидани либос, реаксия дар ҳолати каме алвонҷ хӯрдани матоъ бар болои қитъа ба назар мерасид. Ҳангоми таҳқиқи қитъаи дерматомаи иллатнокшуда зуҳуроти боқимондаи шукуфаи азсаргузаронидаи Зостер ошкор шуданд, ки дар мавриди 62/168;36,9 %-и беморон бо қишрҳои алоҳида ва пӯстпартоӣ дар заминаи гипер ё гипопигментатсия зоҳир мешуданд.

Ҳамин тавр, таҳлили зуҳуроти клиникии НБГ ва хусусияти дард дар мавриди онҳое, ки аз НБГ ранҷ мекашанд, ошкор намуд, ки дарди доимӣ дар даври шадид афзалият дорад. Дар давраи шадид дар 58,7 %-и беморон ба қайд гирифта шудаанд, бо ҳадди музминшавӣ басомади он коҳиш меёбад: 41,1 % дар намуди зершадид ва то 18,4% дар намуди музмин. Ҳолати мазкур аз он огоҳӣ менамояд, ки дар давраи аввали НБГ хусусиятҳои нотситсептивӣ-нейропатӣ бартарият доранд, ки ба иллатёбии шадид ва озурдагии сохторҳои дардӣ вобастагӣ дорад. Дарди пароксизмалӣ дар ҳама марҳалаҳои беморӣ боқӣ мемонад, аммо бештар дар шакли зершадид зоҳир мешавад. Дар ин гурӯҳ, дарди пароксизмалӣ дар 30,4% ҳолатҳо мушоҳида мешавад, дар ҳоле ки дар шаклҳои шадид ва музмин 22%-ро ташкил медиҳад. Чунин тақсимот устувории нисбии зуҳуроти пароксизмалиро дар давраи фосилавӣ, вақте ки тағйирот дар асабҳои канорӣ ва механизмҳои марказии интиқоли дард идома доранд, нишон медиҳад. Аллодиния ва парестезия/дизестезия ҳангоми ҷараёни музмин (мутаносибан 38,8 % ва 20,4 %) бештар зоҳир мешаванд, ки ҳангоми ҷараёни тӯлкашидаи НБГ бо консепсияи сенситизатсияи марказӣ ва

халалёбии функсияи контури тормозӣ мувофиқат менамояд. Илова бар ин, дарди пароксизмалӣ барои ҷойгиршавии гарданӣ (40,5 %) ва торакалӣ (28,8 %) бештар хос аст, дар ҳоле ки зимни офталмӣ хеле аҳёнан (8,0 %) ба назар мерасад. Ҳолати мазкур ба майли зиёд доштани дерматомаҳои байниқабурғавӣ ва гарданӣ ба фаъолнокии хуруҷмонанди афферентҳои нотситсептивӣ далолат менамояд.

Дарди доимӣ ҳангоми ҷойгиршавиҳои офталмӣ (33,3 %) ва камарӣ-чорбандӣ (30,4 %) бартарият дошта, хориқа (феномен)-е мебошад, ки таваҷҷуҳро ба муолиҷаи заминавии зидди дард талаб менамояд. Аллодиния ва парестезия/дизестезия афзалан ҳангоми НБГ-и торакалӣ ошкорост (мутаносибан 41,7% ва 57,1%), дар ҳоле ки ҳангоми офталмӣ хориқаҳои мазкур ба қайд гирифта нашудаанд ва он метавонад фарқи ташкили соматосенсории шохаҳои асаби сегона ва дерматомаҳои камариро инъикос кунад, инчунин ба андоза ва топографияи иллат таъсир расонад. Маҷмуи маълумотҳои ҳосилшуда аз трансформатсияи динамикии дард дарак медиҳанд**:** аз бартарияти дарди доимӣ дар даври шадид бо ташаккул ёфтани нишонаҳои **с**енситизатсия (аллодиния, дизестезия) ҳангоми музминшавӣ.

Нишондиҳандаҳои ҳарорати пӯст ва микрогардиш дар қитъаҳои дерматомаҳои иллатнокшуда ҳангоми беморони мубтало ба невралгияи баъдигерпесӣ

Бемороне, ки аз НБГ ранҷ мекашанд, манзараи ҳарорати дерматомаи иллатнокшуда ҳангоми онҳо хусусияти вобастагӣ-марҳалавӣ дорад. “Қитъаҳои хунук”, дар маҷмуъ, қиёсан ба “гарм” (46,4 %-и ҳодисаҳо муқобили 39,3 %) бештар ба қайд гирифта шуданд. “Қитъаҳои гарм” дар шакли шадид бартарият (65,1%) доштанд, дар ҳоле ки дар шакли зершадид ва махсусан музмин, “қитъаҳои хунук” (мутаносибан 51,8% ва 61,2%) зиёдтар буданд. Таносуби мазкур ба ивазшавии механизмҳо далолат мекунад: дар оғози беморӣ аз вазодилататсияи нейрогенӣ-илтиҳобӣ бо пурхунии мавзеӣ ва бо ҳадди музминшавӣ бошад, ба вазоконстриксия ва гипоперфузияи ғайримустақими симпатикӣ.

Таҳлили амалишудаи нишондиҳандаҳои микрогардиш (мувофиқи маълумоти ФЛД) дар беморони мубтало ба ҷойгиршавиҳои гуногуни НБГ ихтилолоти ошкоро ва гуногунсамти маҷрои хунро зоҳир намуд, ки ҳам ба дараҷаи иллат ва ҳам ба хусусиятҳои танзими мавзеии тонуси рагҳо таъсир мерасонад. Халалёбии перфузия ва коҳиш ёфтани натиҷабахшии микрогардиш (ШНМ) новобаста ба ҷойгиршавӣ нишонаи универсалии НБГ ба шумор мераванд, ки ба мавҷудияти ҷалбшавии системавии системаи асаби нашвӣ далолат менамояд. Фарқиятҳои мавзеъгирӣ аҳамияти принсипиалӣ доранд: ҳангоми шакли камарӣ-чорбандӣ коҳишёбии нисбатан ошкорои перфузия бо гиперфаъолшавии таллоюфии зинаи миогенӣ (ACF) ошкор гардид, ки ба тамоюл доштан ба ташаннуҷҳои рагӣ таъсир мерасонад; ҳангоми ҷойгиршавии гарданӣ ба таври максималӣ баландшавии нишондиҳандаҳои тағйирёбии гардиши хун (ЗҶХК) ба назар мерасад, ки аз халалёбии ташкили танзими тонуси рагӣ дарак медиҳад; шакли офталмӣ ҳифзшавии нисбии перфузия ва фаъолнокии эндотелиалиро нишон медиҳад, ки эҳтимол бо хусусиятҳои шабакаи рагии рӯй ва сатҳи баланди таллобфи тағзиявӣ алоқамандӣ дошта бошад; шакли торакалӣ бо дигаргуниҳои муътадил тавсиф меёбад, ки ба қиматҳои ниҳоии ҳангоми ҷойгиршавиҳои дигар ошкоргардида намерасад.

Зоҳир намудани дигаргуниҳо мувофиқи ҷойгиршавӣ, бо дарназардошти механизмҳои асосии ихтилолоти микрогардиш - вазоташаннуҷӣ (шакли камарӣ-чорбандӣ), халалёбии танзим (шакли гарданӣ) ё нисбат ба таллоюфӣ (шакли офталмӣ) барои фардикунонии муолиҷа шароит фароҳам меорад.

Ба асоси зоҳир намудани нишондиҳандаҳои микрогардиш навъҳои микрогардиш ошкор карда шуд, ки дар мавриди 142/168; 84,5 % навъҳои патологӣ маҳсуб меёфтанд: НГМ, НТМ, НРИМ, ҳамагӣ дар 26/168;15,5 % навъи меъёрии гардиши микрогардиш (НМД) зоҳир карда шуд. Зимнан, басомади ин навъҳо дар байни беморони мубтало ба ҷойгиршавиҳои гуногуни НБГ ошкор карда шуданд (расми 1).



Расми 1. – Навъҳои микрогардиш дар беморони гирифтор ба НБГ вобаста ба ҷойгиршавӣ

Навъҳои вазнини микрогардиш бештар дар мавриди ҷойгиршавиҳои камарӣ-чорбандӣ ва торакалии НБГ мушоҳида мегардид, ки мутаносибан 33/47;70,2 % ва 40/59;67,8 %-и ҳодисаҳоро ташкил медод ва дар муқоиса ба ҷойгиршавии гардании НБГ (17/37;45,9 %) 1,5 маротиба ва нисбат ба ҷойгиршавии офталмии НБГ (9/25;36,0 %) бошад, 1,9 маротиба зиёдтар аст. Зимнан, ҳангоми бемороне, ки ба ҷойгиршавии шакли офталмии НБГ мубталоянд, НГМ, ки навъи нисбатан созгор ба ҳисоб меравад зимни 13/25;52,0 %-и ҳолатҳо ба қайд гирифта шуд, ки қиёсан ба гирифторони ҷойгиршавии шакли торакалии НБГ (12/59; 20,3 %) 2,6 маротиба ва нисбат ба шакли гардании НБГ (13/37;35,1 %) бошад, 1,4 маротиба зиёдтар аст. НГМ аз ҳама камтар дар беморони ҷойгиршавии камарӣ-чорбандии НБГ (5/47; 10,6 %) ба қайд гирифта шуд.

Ҳамин тавр, ихтилолоти нисбатан ошкорои рагӣ барои ҷойгиршавиҳои камарӣ-чорбандӣ ва торакалӣ аз эҳтимолияти зиёди музминшавии синдроми дард ва инкишофи ихтилолоти тағзиявӣ, хусусан дар ҳамин гурӯҳҳо дарак медиҳад.

Нишондиҳандаҳои электротермометрия ва лазердопплерфлоуметрия дар беморони гирифтор ба НБГ баъди муолиҷаи татбиқшуда

Нишондиҳандаҳои электротермометрия дар қитъаи сегменти иллатнокшуда ҳам дар мавриди беморон аз гурӯҳи асосӣ ва ҳам дар гурӯҳи муқоисавӣ тағйир ёфт. Аммо дар гурӯҳи муқоисавӣ динамикаи ошкоро ва новобаста ба ҷойгиршавии НБГ мушоҳида нагардид, нишондиҳандаҳои мазкур ба нишондиҳандаҳое наздик нашуданд, ки дар қитъаи солими мутаносиб ошкор гардида буд.

Муқоиса кардани ҳиссаи нишондиҳандаҳои муътадил ва патологии ҳарорат, то ва пас аз муолиҷа дар гурӯҳи асосӣ ва муқоиса, афзалияти муолиҷаи омехтаро исбот кард: баркароршавии ҳарорат дар гурӯҳи асосӣ, дар қитъаи дерматомаи иллатнокшуда, қиёсан ба гурӯҳи муқоиса - 67/90, 1,4 маротиба бештар ба қайд гирифта шуд; 74,4 % муқобили 43/78; зимни 55,1 %-и ҳодисаҳо.

Таҳлили қиёсии нишондиҳандаҳои флоуметрияи лазерии допплерӣ ошкор кард, ки дар гурӯҳи асосӣ таллоюфи нисбатан пурраи ихтилолоти гемодинамика, хусусан ҳангоми ҷойгиршавиҳои торакалӣ ва камарӣ-чорбандӣ ба амал омад ва амалан пурра муътадилшавии нишондиҳандаҳои микрогардиш ҳосил шуд. Ҳангоми шаклҳои офталмӣ ва гарданӣ низ бартарият ба ҷониби гурӯҳи асосӣ буд, ки бо беҳбудии қиматҳое ифода ёфт, ки аз аввал аз ҷиҳати патологӣ баланд буданд.

Ба навъҳо ҷудо кардани микрогардиш дар беморон тасдиқ менамояд, ки дар гурӯҳи асосӣ баъди муолиҷа дар ҳолати пурра нест шудани рукудӣ-ихтилоҷӣ ҳиссаи навъҳои гардиши меъёрӣ ва гиперемӣ хеле афзуд, дар ҳоле ки басомади вариантҳои вазнин (ташаннуҷӣ ва рукудӣ-ихтилоҷӣ) дар гурӯҳи муқоисавӣ ҳифз шудааст. Ҳолати мазкур таҳти таъсири нақшаи пешниҳодгардида ба муътадилшавии амиқи механизмҳои рагӣ-бофтавии мутобиқшавӣ далолат менамояд.

Натиҷабахшии клиникии муолиҷаро пурсишномаи DN4, McGill ва VAS тасдиқ менамуд: зуҳурёбии ошкорои синдроми нейропатӣ дар мавриди беморони гурӯҳи асосӣ ба таври саҳеҳ коҳиш ёфта, ҳодисаҳои дарди сахт пурра нест шуданд ва ҳолати бедардӣ қариб дар нисфи беморон мушоҳида мегардид. Беҳбудӣ дар гурӯҳи муқоисавӣ низ ба назар мерасид, вале ба дараҷаи

хеле паст, синдроми ошкорои дард дар мавриди як қисми беморон ҳанӯз ҳам идома дошт.

Натиҷаҳои таҳлил вобаста ба шаклҳои НБГ махсусан муҳиманд: таъсири нисбатан ошкорои бедардкунанда ҳангоми ҷойгиршавиҳои гарданӣ ва офталмӣ ҳосил шуда, нишондиҳандаҳои дард тибқи VAS амалан муътадил шуданд. Дарди боқимонда ҳангоми шакли музмини НБГ дар гурӯҳи асосӣ дар мавриди 16,0 % (4/25) муқобили 66,7 % (16/24)-и гурӯҳи муқоисавӣ ҳифз шуд ($p<0,001$).

Робитаи ҳамбастагии дуҷониба ва пешгӯйии самаранокии муолиҷаи невралгияи баъдигерпесӣ

Робитаи ҳамбастагӣ робитаи аз ҷиҳати оморӣ муҳимро байни шкалаҳои субъективии дард ва қиматҳои миқдории ҳарорат ва микрогардиш ошкор накард. Ҳамзамон робита байни худи нишондиҳандаҳои физиологӣ равшан буд. Байни ҳарорати ибтидоӣ ва НМ ҳамбастагии мустақими зич, байни ҳарорати ибтидоӣ ва ШНМ робитаи мустақими муътадил зоҳир гардид. Робитаи мустақим низ байни ШНМ ва НМ, инчунин байни ШНМ ва ЗҶХК ба мушоҳида расиданд.

Барои арзёбии аёнии робитаи ошкоргардида дар зер матритсаи ҳамбастагии Спирмен пешниҳод мегардад.

Маълумотҳои ҳосилшуда нишон медиҳанд, ки синдроми дард дар мавриди беморони муоинашуда фақат бо шикоятҳои субъективӣ не, балки бо ихтилолоти ченкунандаи танзими ҳарорат ва микрогардиш якҷоя шудааст. Ҳарорат, аллакай дар марҳалаи ибтидоӣ, дар қитъаҳои иллатнокшуда, қиёсан ба мавзеи мутаносиби солим пасттар буд. Ин ҳолат градиенти ҳароратро маркери муҳими клиникии носозгории мавзеии функсионалӣ мегардонад.

Матритсаи Спирмен

	Ҳарорати аввалия	ШНМ то табобат	НМ то табобат	ЗҶХК то табобат	Ҳарорати дерматома иллатёфта	Ҳарорати қисмати солим
Ҳарорати аввалия	1,00	0,62	0,82	0,57	0,80	0,73
ШНМ то табобат	0,62	1,00	0,76	0,69	0,65	0,63
НМ то табобат	0,82	0,76	1,00	0,42	0,84	0,66
ЗҶХК то табобат	0,57	0,69	0,42	1,00	0,58	0,64
Ҳарорати дерматома иллатёфта	0,80	0,65	0,84	0,58	1,00	0,73
Ҳарорати қисмати солим	0,73	0,63	0,66	0,64	0,73	1,00

Расми 2. Матритсаи ҳамбастагӣ байни нишондиҳандаҳои ҳарорат ва микрогардиш то муолиҷа аз рӯйи коэффитсиенти Спирмен

Тибқи маълумоти таҳлили ROC зуҳурёбии дард, камбудии НМ ва норасоии ШНМ қобилияти баландтарин, гарчанде муътадил бошад ҳам, дискриминатсионо дар муносибати ҳифз шудани дард, баъди муолиҷа, зуҳурёбии дард нишон доданд. Масоҳат таҳти каҷи ROC барои ин нишондиҳандаҳо дар доираи аз 0,623 то 0,645 қарор дошт. Барои камбудии ҳарорат дискриминатсияи аз ҷиҳати оморӣ муҳим ҳосил нагардид. Яъне, ягон нишондиҳандаи алоҳида, ҳамчун маркери мустақили дараҷаи баланди дақиқияти пешгӯйидошта баррасӣ карда намешавад.

Таҳлили ROC имконоти маҳдуди маркерҳои алоҳидаро тасдиқ намуд. Ҳатто нишондиҳандаҳои беҳтарин фақат қобилияти муътадили дискриминатсионо нишон доданд. Аз ин рӯ, арзиши амалии пешгӯйӣ на дар сатҳи як нишона, балки ҳангоми таҳлили якҷояи онҳо зиёд мешавад. Ин ҳангоми регрессияи бисёромилии логистӣ хуб намоён аст, ки дар он баъди дар як вақт ба ҳисоб гирифтани якчанд омилҳо якҷояшавии устувори бевосита пайдо мешавад.

Дар маҷмуъ, ҷамъи натиҷаҳо хулосаҳои амалӣ карданро имконпазир мегардонад: арзёбии ҳарорат, электротермометрия ва қиматҳои микрогардиш дар бораи ҷараёни невралгияи баъдигерпесӣ ва ҷавоб ба муолиҷа маълумоти судманди иловагӣ медиҳад. Барои пешгӯйии хатари ҳифз шудани дард ҷойгиршавии раванд, хусусиятҳои дарди ибтидоӣ ва навъи микрогардиш манфиати зиёдтаре дорад. Хусусан нишонаҳои мазкурро ҳангоми стратификатсияи беморон ва банақшагирии мушоҳидаҳоро ба назар гирифтан мувофиқи мақсад аст.

Натиҷаҳои пешниҳодшуда асос медиҳанд, ки ислоҳи рагӣ-трофикиро на ҳамчун алтернативаи мустақил, балки ҳамчун ҷузъи табобати комплексии НБГ, ки қодир аст терапияи стандартиро пурра кунад ва шиддати таъсири бедардсозандаро баланд бардорад, баррасӣ карда шавад

Хулоса

1. Невралгияи баъдигерпесӣ (НБГ) дар шахсони солхӯрда нисбат ба беморони синну соли миёна 1,7 маротиба бештар ба қайд гирифта мешавад. Шакли шадиди беморӣ дар миёнсолон дар муқоиса бо солхӯрдагон 1,6 маротиба зиёдтар мушоҳида мегардад, ҳол он ки дар синни солхӯрдагӣ ҷараёни музмини раванд бартарӣ пайдо мекунад. Локализатсияи торакалӣ ва камарӣ-чорбандии НБГ асосан дар беморони синну соли миёна муайян карда мешавад, дар ҳоле ки дар шахсони солхӯрда иллатёбии дерматомаи гардан ва шохаи асаби сегона тамоюл ба зиёдшавиро доранд [4-М, 5-М, 8-М].

